**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзӯи: “Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (*lamiaceae mart.)* қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Бояд қайд намуд, ки омӯзиш, баҳодиҳӣ ва ҳифзи гуногунии биологӣ дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрами имрӯзу фардо ба шумор меравад ва Тоҷикистон бо захираҳои бойи гуногунии биологиаш дар дунё машҳур аст. Аз ин лиҳоз, яке аз вазифаҳои муҳим дар омӯзиши олами набототи кишвар, омӯхтани гуногунии биологӣ ва таксонҳои маъмул ва гуногунии таркиби флораи ин ё он минтақа ба шумор меравад. Аз ин рӯ, омӯзиши оилаи Lamiaceae Mart., ки яке аз оилаҳои калони таркиби флораи олами набототи Тоҷикистон ба шумор меравад, мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор дода шудааст.

Дар баробари ин бояд тазакур дод, ки то кунун оид ба гуногунии намудӣ ва таҳлили фитосенологии намудҳои мансуби оилаи мазкур дар Тоҷикистон маълумоти мушаххас кам пешкаш гардида, имконияtҳои истифодаи амалии намояндаҳои оила ба таври зарурӣ омӯхта нашудаанд ва оиди хосиятҳои шифобахшии намудҳои ҷудогона дар адабиёт маълумоти кофӣ дида намешавад, ки ҳамаи ин сандаҳо аз мубрамии омӯзиши мавзуи мазкур далолат менамоянд.

**Мақсади тадқиқот.** Мақсади таҳқиқот арзёбии гуногунии биологии таркиби оилаи лабгулҳо – Lamiaceae Mart. дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот аз чунин бандҳо иборат мебошанд:**

- Муайян намудани гуногунии намудҳои оилаи лабгулҳо – Lamiaceae Mart. дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор.
- Омӯзиши хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои оилаи – Lamiaceae Mart. дар минтақаи тадқиқотӣ.
- Муайян кардани захираҳои *Nepeta cataria* L., *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum vulgare subsp. gracile* (K. Koch) Ietsw., *Salvia sclarea* L. *ва Hyssopus seravschanicus* (Dubj.) Pazij дар шароити табиии сабзиш.
- Дурнамои истифодаи объектҳои интихобшуда дар саноати фармасевтӣ.
- Тартиб додани харитаҳои паҳншавии намудҳои оилаи Lamiaceae Mart. дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Унвонҷӯ Абдуғафури Сафар яке аз аввалинҳо шуда, гуногунии намудии таркиби оилаи лабгулҳои флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор таҳлил ва муайян кардааст. Вай дар натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидааш муайян намудааст, ки дар минтақаи омӯзиш 32 авлод ва 73 намуди оилаи лабгулҳо мавҷуд аст, ки аз ин миқдор 10 намуди растаниҳои оила эндемикӣ ба шумор рафта, 1 намудаш ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид шудааст.

Ба уновнҷӯ муясар гардидааст, ки дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бори аввал фитосенология ва сохтори сенопопулятсияҳои баъзе намояндаҳои оила: *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum vulgare subsp. gracile* (K. Koch) Ietsw., *Nepeta cataria* L., *Salvia sclarea* L. низ омӯхта баромадааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Месазад қайд намуд, ки натиҷаҳои назариявии таҳқиқоти мазкурро ҳангоми омӯзиши оилаи лабгулҳои таркиби флораи Тоҷикистон метавон всеъ истифода намуд. Инчунин, таҳлили хусусиятҳои фитосенологии *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum vulgare subsp. gracile* (K. Koch) Ietsw., *Nepeta cataria* L., *Salvia sclarea* L. имкон медиҳанд, ки дар оянда онҳоро ҳамчун намудҳои нафъовар, барои истифода дар тиб тавсия дода шаванд.

Унвонҷӯ Абдуғафури Сафар дар асоси маълумотҳои бадастомадааш оид ба ҳосилнокии захираҳо сенопопулятсияҳои намудҳои *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Nepeta cataria* L., *Origanum vulgare subsp. gracile* (K. Koch) Ietsw., *Salvia sclarea* L. дар мавзеъҳои паҳншавии табиии онҳо нишон медиҳад, ки ҳосилнокии табиии онҳо талаботи саноати фармокологии Тоҷикистонро дар ҳаҷми то 35% таъмин карда метавонанд. Натиҷаҳои рисоларо унвонҷӯ оид ба тавсифи гуногунии биологии лабгулҳо барои дар мактабҳои олӣ, дар тайёр кардани курсҳои лексионӣ ва гузаронидани дарсҳои амалӣ аз фанҳои систематикаи растаниҳо, захирашиносӣ, инчунин семинарҳои калон аз ихтисоси ботаника ва дендрология тавсия менамояд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Чи тавре, ки дар автореферати диссертатсия оварда шудааст, унвонҷӯ вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст ва натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар 2 корхона истифода гаштаанд.

***Оид ба кори илмӣ чунин эродро баён намуданиям, ки унвонҷӯ дар рисолааш аз адабиёти хориҷӣ нисбатан миқдори ками корҳои олимони хориҷиро истифода намудааст.***

**Хулоса.** Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ дар мавзӯи "Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (*lamiaceae mart.)* қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника пешниҳод шудааст, кори гуногунҷабҳаи илмии анҷомёфта ба шумор рафта, бо аҳамияти назариявию амалиаш ва бо маҷмӯи натиҷаҳои илмии ба даст омада, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он - Абдуғафури Сафар сазовори унвони илмии номзади илмҳои биологӣ аз руи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника мебошад.

Мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи растаниҳои
Институти ботаника, физиология ва генеткаи растании
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илҳои
кишоварзӣ (ихтисоси 06.01.05-селексия ва тухмипарварии
растаниҳои кишоварзӣ)
______________________________ Партоев Қурбоналӣ

Имзои д. и. к.проф. Қ.Партоевро
тасдиқ менамоям.

Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти ботаника,физиология
ва генетикаи растании АМИТ: ____________________ Умарова Н.С.

***Суроғаи муассиса:*** 734003, ш. Душанбе,
кӯчаи Карамова, 27.

Тел. (+992) 918649505; E.mail: pkurbonali@mail.ru